# ТАҚРИЗ

**ба автореферати** Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович **дар мавзӯи "Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – ботаника**

Рисолаи илмии Ш.М.Мирсабуров натиҷаи таҳқиқоти чандинсоларо дар бар гирифта, ба омӯзиши объектҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон, баҳодиҳии таркиб ва ҳолати гуногунии биологии обсабзҳои сабз дар минтақаи таҳқиқотӣ ва таснифи онҳо бахшида шудааст.

Муаллиф бори аввал обсабзҳои сабз (Chlorophyta)-и обанборҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшонро омӯхта, гуногунии биологӣ, таркиб ва сохтори алгофлораро пешниҳод кардааст. Рӯйхати умумии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ тартиб дода шудааст, ки 195 намуд ва зернамудро дар бар мегирад. Аз инҳо 31 намуд ва зернамуд бори аввал дар ин мавзеъ нишон дода шуда, 12 намуд ва 6 зернамуд бозёфтҳои нави флористикӣ барои Тоҷикистон мебошанд. Бори аввал руйхати систематикӣ ва паҳншавии обсабзҳои сабз дар Точикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон пешниҳод карда шуда, тахлили муфассали флораи обсабзҳои сабз дар минтақаҳои таҳқиққотӣ гузаронида шуд. Инчунин, бори аввал таҳлили муқоисавии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ гузаронида шуда, 53 намуди обсабзҳои индикаторӣ муайян карда шуд, ки барои омӯзиши ҳолати санитарии обҳои Тоҷикистони Шимолӣ бо усулҳои биологӣ (биоиндикатсия) аҳамияти калони илмӣ доранд.

Рисола аз муқаддима, 5 боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар муқаддимаи он зарурияти интихоби мавзӯъ ва аҳамияти таҳқиқи он, дараҷаи омӯта шудани мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои асосии таълифи рисола мушаххас шудаанд. Ҳамчунин муаллиф барои таҳқиқу баррасии мавзӯъ аз сарчашмаҳои илмии ватанию хориҷӣ, ки ба мавзӯъ алоқамандӣ доранд ба таври зарури истифода намудааст.

Унвонҷӯй дар натиҷаи таҳқиқотҳои солҳои 2013-2020 маълум кардааст, ки паҳншавии обсабзҳои сабз дар обҳавзаҳои гуногуни минтақаи таҳқиқотӣ нобаробар буда, гуногунамудии зиёд ба обанбори Бахри тоҷик (138 намуд ва зернамуд) ва нисбатан камтар барои обанборҳои Даҳанасой ва Каттасой (66 намуд ва зернамуд) хос мебошад. Алгофлораи дарёҳо бошад аз ҷиҳати гуногуннамудии обсабзҳо хело кам

ба қайд гирифта шудааст, ки нишондиҳандаи пасттаринро дарёи Исфара (29 намуд ва зернамуд) нишон додааст.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 9 маводи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, дар конфренсияҳо ва симпозиумҳои гуногун муҳокима гардида аст.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар мавзӯи "Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон" дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва банди 8 низомномаи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвонҳо илмӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01. – ботаника мувофиқ мебошад.

Мудири шуъбаи омода намудани
кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии
Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М. Назаршоев,
д.и.б, профессор. А.А. Мамадризохонов

Имзои Мамадризохонов А.А.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДХ ба номи М.Назаршоев Н. С. Саидраҳмонов

736000, ш. Хоруғ, к. Ш.Шотемуров 109,
Тел.:+ (992) 93 598 45-63,
akbar63@mail.ru